« ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
и.в сардори кафедраи ҳифз
дар ҳолатҳои фавқулодда,
капитани милитсия
___________Нуруллозода М
“____”______________ 2018

Л Е К С И Я

(Аз фанни асосҳои омдаги ба ҳолатҳои фавқулодда )

Мавзӯи 3. « Хатарҳои экологӣ ва офатҳои табиӣ ».

Мураттиб. капитани милитсия Савирзода Д.

Душанбе - 2018

Нақша
Сарсухан
**Саволи якум** маълумот дар бораи хатарҳои экологӣ ва офатҳои табиӣ
**Саволи дуюм:** Мустаҳкам кардани соҳили дарёҳои Яхсу ва Сурхоб (Қизилсу

**Саволи 3.** Корҳои мустаҳкамкунии соҳилҳо дар дарёҳои Сой ва Оқсуи ноҳияҳои Спитамен ва Ҷ. Расулов ва дар дарёи Варзоби ноҳияи Варзоб.

Сарсухан

Ҳолатҳои фавқулодда дар солҳои охир боиси хисороти зиёд ва харобиҳо гашта, ҳаёти чандин одамонро ба таври фоҷиавӣ бармекананд. Таҷрибаи бартарафкунии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда нишон медиҳад, ки дар чунин ҳолатҳо қувваҳои бисёри мақомотҳои идоракунанда ҷалб карда мешаванд, ки фаъолияти умумии онҳо талаботи ҳамдигарфаҳми дорад.

Як қисми чорабиниҳои бартараф намудани ҳолатҳои фавқулодда, хусусан дар замони ҷангӣ, бо ёрии қувваҳои ҳарбӣ гузаронида мешавад. Барои ҳамин ҳам амалиёти якҷояи мақомотҳои идоракунанда ва қувваҳои мудофиаи гражданӣ бо ҳайати кумандонии ҳарбӣ аҳамияти калон дорад.

Барои бо роҳи дуруст гузоштани вазифаҳои ҳамкории хадамотҳо, ҳайати роҳбарикунандаи мудофиаи граждани бояд мақсад, равишҳои асосии ҳамкориро чуқур омӯзанд, чунки бартараф намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда танҳо бо кӯшишҳои умумӣ ба даст оварда мешавад.

**Саволи 1. маълумот дар бораи хатарҳои экологӣ ва офатҳои табиӣ.**

ХАТАР» дар ҳолатҳои фавқулодда ҳолатеро меноманд, ки дар натиҷаи он таҳдиди пайдоиши омилҳои таъсиркунанда ва манбаи таҳдиди он ба аҳолӣ, иншоотҳои иқтисодӣ ва муҳити атрофро дар ҳудуди ҳолатҳои фавқулодда ба амал омаданаш аз эҳтимол дур нест. Ҳамаи намуди хатарро аз рӯи сарчашмаи пайдоиши он ба ду гуруҳ, «Хатари табиӣ» ва «Антропогенӣ» ҷудо кардан мумкин аст: Хатари табиӣ дар натиҷаи сар задани офати табиӣ дар биосфера ба амал меояд.

Барои корҳои амалӣ таснифоти умумии ҳолатҳои фавқулоддаро аз рӯи намуд ва навъҳо, ки асоси тамоми ҳодисаи фавқулоддаро ташкил мекунад, ба назар гирифтан зарур аст. Ин омил шакли пурраи ҳолатҳои фавқулоддаро нишон медиҳад, чунки ҳамаи ҳодисаҳое, ки дар натиҷаи сар задани ҳолатҳои фавқулодда ба амал меоянд пурра ба инобат гирифта мешаванд ва бо ин тарз оқибати онро муайян кардан мумкин аст.

Таснифоти ҳолатҳои фавқулодда ки аз рӯи ҳудуди паҳншавии ҳолатҳои фавқулодда ба назар гирифта шудааст дар ин маврид асосӣ ҳисоб карда

мешавад. Лекин чизи дигареро, ки мо бояд ҳангоми сар задани ҳолатҳои фавқулодда ба назар гирем ин бояд на танҳо ҳудуди офати табии баамаломада, балки омилҳои дигаре, ки дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулодда пайдо шудааст ба назар гирем: Масалан вайрон шудани механизми алоқаҳои иқтисодӣ, маишӣ, маданӣ ва ташкилӣ, инчунин дар ҳудуди ниҳоят калон тул кашидани офати табиӣ яке аз ин омилҳо мебошанд. Аз дигар тараф ин омил бояд ба назар гирифта шавад, ки ҳангоми дар ҳудуди хурд сар задани офати табии табиист, ки оқибатҳои ҳузнангез ва калон дошта бошад. ( ба монанди чаппа шудани бинои серошёнаи истиқомати, ки боиси фавти миқдори зиёди одамон гардидааст).

ОФАТҲОИ ТАБИИӢ ХАТАРНОК»- ҳодисаи фавқулоддаи хусусияти табиӣ дошта аст, ки аз рӯи масоҳат ва муддати гирифторшавандааш боиси таҳдиди ҳаёт, саломатӣ ва моликияти инсон, иқтисодиёт ва муҳити атроф мебошад;

ОФАТИ ТАБИӢ»- ҳодисаи фавқулоддаи табиӣ ё равандест, ки боиси марги инсон, хисороти зиёди иқтисодӣ, моддӣ ва дигар оқибатҳои ҳузнангез гардидааст.

ОФАТҲОИ ЭКОЛОГӢ»- ҳодисаи фавқулоддаи ҳудудаш калон мебошад, ки дар натиҷаи таъсири он (таъсири антропогенӣ) ҳолати кунунии хушкӣ, атмосфера, гидросфера, биосфера тағир ёфта ба ҳаёт, саломатӣ, муҳити зист, иқтисодиёт ва генофонди миллат таъсири калон расонида боиси дигаргун шудани муҳити табиӣ мегардад.

Офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон ва осудаҳолии халқи он таъсири ниҳоят вазнин мерасонад. Ҳар сол заминҷунбӣ, обхезӣ, сел ва тарма ба аҳоли зарари ногаҳони расонида ба инфраструктура то миллионҳо доллар зиён меоварад. Офатҳои табиии афзоянда, ба монанди биёбоншавии соҳилҳо, зериобмони ва шурбандии заминҳо метавонад ба рушди устувории иқтисоди дар ояндаи дарозмуҳлат таъсири боз ҳам фоҷиабор дошта бошад. Ҳар сол дар Тоҷикистон даҳҳо ва садҳо сел, обхезию тармафарой ба вуҷуд меояд. Қисми зиёди (80%) офатҳои табиии сабтшуда дар ҳудуди қаторкӯҳҳои Помиру Олой ва Тяншони ғарби ба вуҷуд меоянд. Зиёда аз 300 нуқтаи аҳолинишин дар минтақаҳои аз нигоҳи сел хатарнок ҷойгиранд.

Ҳар сол дарёҳои тавоно, ки аз барфҳои кӯҳӣ ва пиряхҳо оғоз мешаванд, соҳилҳоро пур карда, садҳо гектар заминҳои корамро нобуд месозанд ва ба инфраструктура даҳҳо ҳазор доллар зарар меоваранд.

Ҳавзаи дарёҳои Вахш ва Панҷ махсусан хавфи ҷидди доранд ва дар ин ҷо ҳар сол ба ҳисоби миёна 71 воқеаҳои номатлуб ба амал меоянд. Дар ҳавзаи дарёи Зарафшон солее ба ҳисоби миёна 105 селҳои харобовар ба вуҷуд меояд. Махсусан дар қисми ҷанубии куҳҳои Қурама дар ноҳияи Ашт селҳои зиёд ба мушоҳида мерасанд.

Фаъолнокии боронҳои сел дар мамлакат ба моҳҳои апрел ва май рост омада, якбора баланд шудани ҳарорат метавонад боиси обшавии барфҳо ва пиряххо гардад. Ин ҳолат баъзан бо боришҳои муттасил рух медиҳад, ки дар натиҷа боиси ба амал омадани сел дар водиҳои наздикӯҳӣ мешавад ва он шаҳру шаҳракҳо ва заминҳои киштро хароб месозад. Соли 2005 4 пункти аҳолинишини ҳавзаи дарёи Сурхоб ва 6 қишлоқи води дарёи Варзоб таҳти таҳдиди сел қарор ёфтанд.

Вайроншавии сатҳи набототии баландкӯҳ ва бад шудани назорати обхезиҳо ва сохтори заҳбурҳо дар водиҳо дар 15 соли охир боиси обхезиҳои харобиовару зудрухдиҳанда шудааст. Соли 2004 қариб 142 нуқтаи аҳолинишин дар 18 минтақаи мамлакат доимо ва боз 490 нуқтаи аҳолинишин дар давраҳои мавсими обёри зери об мемонад.

Муттасилии офатҳои ногаҳонӣ ва васеъшавии офатҳои афзоянда натиҷаи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва релефи мамлакат аст. Фаъолнокии ниҳоии сейсмикӣ ба тектоникаи баланди минтақа алоқаманд буда, заминҷунбӣ ва офатҳое таалуқ дорад, ки пешгирии он имконнопазир надорад, аммо ҳангоми банақшагирии дуруст метавон зарари расонидашавандаро ба таври назаррас паст кард. Илова бар ин иқлим ва гуногунии шароити топографии Тоҷикистон бавуҷудоии обхезӣ, сел ва тармаро ногузур гардониданд. Бо вуҷуди ин зарари расонидаро пешбинӣ ва ҳаддалимкон кам кардан мумкин аст. Баъзе чунин офатҳоро ҳатто тавассути корҳои муҳандиси ва истифодаи оқилонаи захираҳои замину об пешгири кардан мумкин аст.

**Саволи 2. Мустаҳкам кардани соҳили дарёҳои Яхсу ва Сурхоб (Қизилсу).**

Дарёҳои Яхсу ва Сурхоб (Қизилсу) манбаъҳои асосии захираҳои обии минтақаи Кулоб, Балҷувон, Темурмалик ва Ҳамадонӣ мегузарад.

Нигоҳбонии иншооти муҳофизатии соҳили дарёҳои Яхсу ва Сурхоб ба ӯҳдаи Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии об, ҳамчунин воҳидҳои вилоятӣ ва маҳаллии маблағгузори мешаванд. Аз соли 1980 бинобар нарасидани захираҳои молияви воҳидҳои масъули обу канал корҳои мустаҳкамкунии соҳилҳоро дар ҳаҷми заруриӣ анҷом намедоданд. Дар натиҷа ҳолатҳои фавқулодда, солҳои 1992, 1998 ва 2002 зиёда аз 3000

нафар аз хонаву ҷой маҳрум гашта, бештар аз 50 ҳазор гектар заминҳои кишт зери об монд.

Чорабиниҳои зидди обхезӣ дар дарёҳои Элок, Кофарниҳон, Хонакоҳ ва Қаратоғ ноҳияҳои тобеи ҷумҳури (НТҶ).

Дар натиҷаи обхезиҳо иншооти муҳофизатии соҳилҳои қадқади маҷрои дарёҳои Кофарниҳон ва Элок ҳар сол вайрон мешаванд. Бинобар набудани системаҳои самарабахши зидди обхезӣ садҳо гектар заминҳои кишт дида, ҷумҳурӣ ва аҳолӣ садҳо миллион сомонӣ зарар мебинанд. Дарёҳои Элок ва Душанбе ба дарёи Кофарниҳон ҷорӣ мешаванд, ки он аз маҳалҳои сераҳолӣ ва киштзорҳо мегузарад. Зиёда аз 7 км иншооти муҳофизатии соҳилҳоро об шуста, 208 хоҷагӣ ва 150 гектар ва киштзор вайрону нобуд гардиданд. Дар натиҷа 1248 нафар аҳоли зарар дида, 16 оила аз сарпаноҳ маҳрум монданд.

Дарёҳои Элок ва Кофарниҳон аз ноҳияҳои Ваҳдат ва Рӯдакиро убур мекунанд. Дарёи Хонакоҳ аз ноҳияи Ҳисор ҷорӣ шуда, манбаи асосии оби ошомиданӣ ва обрасонӣ мебошад. Масъулият барои гузаронидани чорабиниҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ба дӯши Вазорати мелоратсия ва хоҷагии об ва ҳукуматҳои маҳаллӣ гузошта шудааст, вале онҳо барои анҷом додани чунун корҳо имкониятҳои молиявӣ надоранд.

Сарбандҳо бо истифодаи гилу сангҳои маҳал сохта мешуданд. Онҳо дар балансu ҳукумати Ҳисор мебошанд. Хизматрасонии техникӣ ва ӯҳдаи идораи хоҷагии оби ноҳияи Ҳисор гузошта шудааст. Аз ин дарё 40-45 ҳазор одам истифода мебаранд. Беш аз 300 ҳазор гектар киштзор ва зиёда аз 200 гектар заминҳои хусусӣ ва наздиҳавлӣ аз дарёй Хонакоҳ мегиранд.

Пас аз вайрон шудани сарбанд шароитҳои иҷтимоию иқтисодии аҳолии маҳаллӣ бад гардида, ҳамчунин сатҳи ҳосилнокии заминҳо тӯли солҳои охир паст шуд. Мавсими тобистон сатҳи оби дарё ба ҳадди пастарин мерасад. Дар дарёи Хонакоҳ барои ҷамъ шудани об обанбор сохта шуда буд.

Мутаассифона, дар натиҷаи сел сарбанди дукилометра вайрон шуд. Ҳар сол сел лагерҳои (қароргоҳ) мактаббачаҳо, хонаву киштзорҳоро зери об мемонад. Ҳарчи зудтар барқарор намудани сарбанд дар дарёи Хонакоҳ (дар ноҳияи Ҳисор) ниҳоят зарур этироф карда мешавад. Агар ин сарбанд барқарор карда нашавад, маҳалҳои аҳолнишин ва киштзорҳо аз нокифоятии об зарари калон мебинанд.

Дарёи Қаратоғ аз заминҳои ноҳияҳои Шаҳринав, Турсунзода ва Ҳисор убур мекунад. Дар соҳилҳои ин дарё маҳалҳои аҳолнишин, хонаҳои

истироҳатӣ, марказҳои саломатии кӯдакон, қисми ҳарбӣ ва киштзорҳо ҷой гирифтаанд. Дар зарфи 5-10 соли охир 10 км сарбанд вайрон шуда, зиёда аз 500ь гектор киштзорро об шуста бурдааст.

Аҳолии маҳаллӣ оби дарёи Қаратоғро барои ошомидани ва обрасонӣ истифода мебаранд. Барои гузаронидани чорабиниҳои соҳилмустаҳкамкунӣ Ҳукумати ноҳияи Шаҳринав ва идораи ноҳиявии Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии об ҷавобгаранд. Ҳар баҳор боронҳои сел сабабгори обхезӣ гашта, хонаҳо ва бештар аз 300 гектар киштзорро вайрон ва зери об мемонанд.

**Саволи 3.Корҳои мустаҳкамкунии соҳилҳо дар дарёҳои Сой ва Оқсуи ноҳияҳои Спитамен ва Ҷ. Расулов ва дар дарёи Варзоби ноҳияи Варзоб.**

Дарёҳои Сой ва Оқсу 18 маҳалли аҳолинишини ноҳияҳои Спитамен ва Ҷ.Расуловро убур мекунанд. Ҳангоми боронҳои сел сатҳи об дар дарёҳо баланд шуда, сел ва обхезиро ба вуҷуд меорад. Онҳо соҳили дарёҳоро вайрон карда, ба аҳолӣ ва заминҳои кишт зарар мерасонанд.

Дар ин минтақа офатҳои табиии дар як сол 3-4 маротиба мушоҳида мешаванд. Масалан, соли 2003 сел 230 оиларо бе сарпаноҳ монда, ба 50 ҳазор гектар заминҳои кишт зарар расонд. Қариб 60 % аҳолии пойтахти ҷумҳурии шаҳри Душанбе оби дарёи Варзобро ҳамчун оби ошомиданӣ истифода мебаранд. Ғайр аз ин боғҳои дарахтони мевагӣ ва полизҳои ноҳияи Варзоб, шаҳри Душанбе 100 % аз дарёи Варзоб об мехуранд. Дарозии дарё 50 км ва он маҳалҳои аҳолинишинеро убур мекунад, ки зиёда аз 150 хонаҳои истироҳат, лагерҳои (қароргоҳ) сершумори мактаббачаҳо, марказҳои истироҳат ва кӯлҳо ҷой гирифтаанд.

Дар доираи лоиҳа анҷом додани корҳои мустаҳкамкунии соҳилҳо ва сохтмони якчанд гидроэлекростансияи хурд пешбинӣ шудааст. Гидроэлетростансияи Варзоб дар дарёи Варзоб ба ҳаҷми пурраги кор мекунад. Мустаҳкам кардани соҳилҳои дарёи Душанбе низ хеле муҳим аст. Он аз заминҳое мегузарад, ки дар ихтиёри ҳукуматҳои ноҳияҳои Варзоб, Спитамен ва Душанбе мебошанд.

Тоҷикистон соли 2004 сатҳи оби дарёи Варзоб дар натиҷаи боришҳои сел якбора баланд шуд. Дар натиҷаи об зиёда аз 27 км роҳҳои мошингардро шуста 5 купрук аз кор баромад. Роҳе, ки пойтахтро бо ноҳияҳои шимолии ҷумҳурӣ мепайвандат, баста шуда, бисёр ҷойҳои истироҳат хароб гардиданд. Қариб ба 40 % аҳолии шаҳри Душанбе об дастнорас гардид, 300 хонаводаи сокини ноҳияи Варзоб сахт зарар кашиданд.

Бинобар хусусиятҳои хоси ҷуғрофи  худ Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти таъсири офатҳои мухталифи табиӣ: заминҷунбӣ, обхезӣ, сел ва тармаҳо қарор дорад. Соли 2002   21  обхезӣ ва 93 селӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар натиҷаи чандин одамон қурбон шуда, ба иқтисодиёт зарари калон расид, хонаҳои истиқоматӣ, купрукҳо, хатҳои интиқоли барқ, киштзорҳо,  ҳамчунин иншооти соҳилмустаҳкамкунӣ ва сарбандҳои зидди сел вайрону нобудгардиданд.

- **АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳоли ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи хусусияти табии ва техногени»- 15.07.2004с., тахти №53.
2. Дастурамал «Дар бораи ҳолатҳои фавқулодда, рафъи оқибатҳои онҳо ва тайёр кардани асноди заруриоиди зарари ба иқтисодиёти Ҷумҳури расонидашуда», № 3 аз 10.07.2007.
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №367 аз 01.08.2006.